## Суратҷаласаи №7

ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик

аз 27 августи соли 2020

Иштирок доштанд:
Аз 20 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ 17 нафар,
аз рӯйи ихтисос 8 нафар

27 августи соли 2020 соати 15.00 дар толори Шӯрои олимони факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, шаҳраки Буни Ҳисорак, 10) ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA – 022 баргузор шуд. Вақти анҷоми ҷаласа: 17.30.

Ҳимояи ошкорои диссертатсияи Ҳайдарова Сурайё Абдурозиқовна дар мавзӯи **«Худшиносии миллӣ ва ҳофизаи таърихӣ дар романи «Гардиши девбод»-и Абдулҳамид Самад»** аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Ахбори раиси Шӯрои диссертатсионӣ, профессор Ҳ. Раҷабов шунида шуд.

Диссертатсия дар кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ** – доктори илмҳои филологӣ, академики АМИ Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Салихов Шамсидин Аслидинович** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ;
2. **Ҳошимова Хуршеда Абдумановна** - номзади илмҳои филологӣ, муовини директор оид ба илм ва таълими Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакии АМИ Тоҷикистон;

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода

Котиби илмии Шӯро дар бораи унвонҷӯ ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда маълумот дод.

Унвонҷӯ Ҳайдарова Сурайё Абдурозиқовна бо мухтавои кори диссертатсионӣ ба ҳозирин маълумот дод. Ба саволҳои аъзои Шӯро, профессорон А. Кӯчарзода, С. Сулаймонов, У. Сафаров ҷавоб дод.

Роҳбари илмӣ – доктори илмҳои филологӣ, академик Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ тақризашро пешниҳод намуд.

Котиби Шӯро матни пурраи тақризи муассисаи тақриздиҳанда – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода ва тақризҳои ба автореферат воридшударо хонд, ки эродҳо хусусияти тавсиявӣ доштанд.

Муқарризони расмӣ: **Салихов Шамсидин Аслидинович** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ва **Ҳошимова Хуршеда Абдуманоновна** - номзади илмҳои филологӣ, муовини директор оид ба илм ва таълими Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ баромад намуданд.

Ба эродҳои муқарризони расмӣ диссертант ҷавоб дод.

Дар муҳокимаи диссертатсия профессорон А. Кӯчарзода, М. Муродов, Б. Мақсудов, М. Нарзиқул, С. Сулаймонов, А. Мамадназаров, У. Сафаров иштирок карданд.

Сухани хотимавии диссертант шунида шуд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои овоздиҳии пинҳонӣ таъйин гардид ва дар ҳайати он 3 аъзо – М. Муродов (раис), Д. Хоҷаев, А. Кӯчарзода (аъзо) интихоб гардиданд.

Аз 20 нафар аъзои Шӯро 17 нафар ҳузур доранд: аз инҳо 8 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсия.

Натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ: тарафдор – 17, муқобил - нест, бетараф - нест.

Аъзои Шӯро тариқи овоздиҳии ошкоро суратҷаласаи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори Шӯрои диссертатсионӣ дар бораи ба Ҳайдарова Сурайё Абдурозиқовна додани дараҷаи илмии номзади илми филологӣ қабул гардид.

## ҚАРОРИ
## Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-022 назди
## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**аз 27.08.2020** **ш. Душанбе**

Баромади Ҳайдарова Сурайё Абдурозиқовна дар мавзӯи «**Худшиносии миллӣ ва ҳофизаи таърихӣ дар романи «Гардиши девбод»-и Абдулҳамид Самад**» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, тақризи муассисаи тақриздиҳанда, баромади муқарризони расмӣ доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ – **Салихов Шамсидин Аслидинович**, номзади

илмҳои филологӣ, муовини директор оид ба илм ва таълими Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ – **Ҳошимова Хуршеда Абдумононовна,** муқарризони ғайрирасмӣ – профессорон А. Кӯчарзода, М. Муродов, Б. Мақсудов, М. Нарзиқул, С. Сулаймонов, А. Мамадназаров, У. Сафаров шунида, муҳокима карда, Шӯрои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои ба дастовардаи Ҳайдарова Сурайё Абдурозиқовна.

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Ҳайдарова Сурайё Абдурозиқовна дар мавзӯи **«Худшиносии миллӣ ва ҳофизаи таърихӣ дар романи «Гардиши девбод»-и Абдулҳамид Самад»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик – ба талаботи банди 2 ва зербандҳои 10 ва 11 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 26 октябри соли 2016, №5 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;
2. Маводҳои илмии чопшудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;
3. Ба Ҳайдарова Сурайё Абдурозиқовна дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ дода шавад;
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки ба Ҳайдарова Сурайё Абдурозиқовна дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои филологиро диҳад.

Касе, ки тарафдори ин қарори Шӯрои диссертатсионӣ бошад, хоҳиш менамоям, овоз диҳад.

Зид, бетараф? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор — Раҷабов Ҳ.

Котиби илмии Шӯрои
диссертатсионӣ, номзади
илмҳои филологӣ, дотсент — Гулназарова Ж. Б.